**Тақризи**

роҳбари илмӣ ба диссертатсияи аспирант Сироҷзода Ҷамолиддин Қиём дар мавзуи «Ташаккул ва таҳаввули айнишиносӣ дар Тоҷикистон» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илми филология аз рӯи ихтисоси

10. 01. 01— Адабиёти точик

Омӯзиши рӯзгори пурҳодисаву осори пурҷозибаи асосгузори адабиёти навини тоҷик, нахустин Қаҳрамони Тоҷикистон Садриддин Айнӣ хеле барвақт аз замони рӯзҳои нахустини ба шеъру ба адабиёт рӯй овардани ӯ оғоз шудааст. Роҳ ёфтани ному осори адабии устод Айнӣ дар муҳимтарин маъхазҳои адаби он замон охири садаи нуздаҳ ва ибтидои асри бист "Тазкираи шуарои мутааххирини Бухоро"-и Абдуллохоҷа, "Афзал-ут-тазкор"-и Афзал Махдуми Пирмастӣ, "Тазкират-уш-шуаро"-и Қорӣ Неъматуллоҳи Муҳтарам, "Тазкори ашъор" ва "Наводири Зиёия"-и Садри Зиё, "Туҳфат-ул-аҳбоб фӣ тазкират-ил-асҳоб"-и Возеҳ ва "Тазкираи шуаро"-и Мирзо Салимбеки Салим чун шоир далели шоирӣ ва эътирофу эътибори эшон дар доираҳои адабии шаҳри Бухоро будааст. Вале ҳамон гуна ки муаллифи рисола барҳақ менигорад, айнишиносӣ ҳамчун илми хос ва як шохаи борвари илми адабиётшиносии тоҷик пас аз инқилоб бо пайдо шудани нахустин мақолаҳои илмӣ доир ба рӯзгору осор ва афкори устод Айнӣ маҳсули замони нав ва ҷомеаи навини миллату давлати мо мебошад, ки дар поягузории фарҳангу адаб, забон, таърих, ҳунар ва тамаддуну маънавиёти ин ҷомиа саҳму нақши тафаккури бадеӣ ва осори илмии устод Айнӣ беш аз ҳар адибу рӯшанфикри дигар, ки дар ин замон фаъолият мекарданд, будааст. Айнӣ аз ҷумлаи шахсиятҳое буд, ки бо офаридани осори бузурги бадеӣ дар баробари эҳтиром ба суннатҳои адабиёти ҳазорсолаи мо онро аз бунёд дигаргун сохт, бо навиштани асарҳои илмӣ роҳро барои муҳаққиқони оянда дар самтҳои адабиётшиносӣ, забоншиносӣ, таърихпажӯҳӣ, таҳқиқу баррасии ҳунарҳои дигар боз намуд. Ҳамин ва дигар абъоди таълифоти устод мӯҷиби пайдоиши соҳаи мустақили илми

адабиётшиносии тоҷик бо номи айнишиносӣ гардид. Аз ин лиҳоз, дар мавзуи «Ташаккул ва таҳаввули айнишиносӣ дар Тоҷикистон» навиштани диссертатсияи илмӣ аз тарафи аспиранти Институти забон ва адабиёти ба номи Рӯдакии АМИТ Сироҷзода Ҷамолиддин Қиём шоистаи таҳсин ва дастгирӣ буда, онро дар адабиётшиносии тоҷик саҳифаи наве метавон шуморид. Муаллифи таҳқиқоти мазкур пеш аз ҳама аҳаммияти мавзуъро дар ба таҳқиқ нарасидани ташаккул ва таҳаввули айнишиносӣ ба таври густарда ва дақиқу мушаххас медонад, ки бо фарогирии равишҳои мусбат ва манфии ин шохаи илмии адабиётшиносии тоҷик дар заминаи таҳқиқотҳои донишмандони Тоҷикистон онро ба анҷом расонидааст. Ҳамчунин дар рисола бо дарки муосири пажуҳиш дар мавриди ҳаллу баррасии масъалаҳои рӯзгору осор ва афкори Айнӣ бо назардошти дастовардҳои нави тақиқотҳо дар заминаи айнишиносӣ дар кишвар таҳлилу арзёбӣ гардидааст. Натиҷагириҳои муаллифи рисола дар мавриди марҳалаи аввали ҷустуҷӯҳои айнишиносон роҷеъ ба шинохти аҳвол ва осор ва афкори устод Айнӣ ва равишҳои усулии таҳқиқи онҳо, ки бархоста аз тамоюлҳои ақидатии (идеологии) сиёсӣ, иҷтимоӣ ва фарҳангии мушаххаси замон медонад, зери таъсири сиёсати ҳоким шакл гирифтааст ва аз навиштаҳои нахустини муҳаққиқон, яъне мақолаҳои Б. Азизӣ, Ҷ. Икромӣ, Н. Бектош ва дигар айнишиносон то нимаи давуми солҳои шаст идома дошта, аксаран бар мабнои тафаккури амиқи сиёсӣ ва иҷтимоъгароии маҳз нигошта шуда, таҳқиқу арзёбии онҳо аз мавқеи идеологияи расмии ҳизби ҳоким анҷом ёфтааст.

Муаллифи рисола бар он аст, ки дар марҳилаи баъдии айнишиносӣ равиши пешқадамтар ва дақиқу муассире пеш гирифта шуд, ки дар таҳқиқотҳои айнишиносон М.Шукуров, С. Табаров, А. Сайфуллоев, Р, Фиш ва Р. Ҳошим, Р. Ҳодизода, А. Набиев, А. Кӯчаров, А. Муҳаммадаминов ва дигарон ҷолиби таваҷҷуҳ буда, ки онҳо “дар шинохти мушаххасоти зиндагинома ва осори устод Айнӣ аз равишҳои усули таҳқиқи таърихӣ ва муқоисавӣ истифода карда, консепсияи хоси

арзёбии аҳвол ва осори Айниро шакл додаанд, ки чеҳраи инсонӣ ва ҳунарии нависандаро воқеъбинона ба хонанда менамоянд”. Дар ҳамин замина муносибати устод ба инқилоби октябрро муҳаққиқони марҳилаи дувуми омӯзиши осору афкори ӯ хеле мантиқӣ ва аз нигоҳи таърихӣ ва бар асосҳои шинохти манфиат ва мавқеи инсони воқеӣ ва нақшгузор дар ҷомеа таҳқиқ намудаанд, ки ин тарзи таҳқиқ ҳеҷ гоҳ монеи таҳаввули андешаи худшиносии миллӣ дар самтҳои фаъолияти адабӣ, илмӣ ва публитсистии устод Айнӣ нашудааст ва баръакс заминаро барои баррасии баъдии таҳаввули афкори иҷтимоӣ ва инсонпарваронаи ӯ фароҳам овардааст, ки мутолиаи амиқи мероси адабию илмии устод ин андешаро таъйид мекунанд. Дар марҳилаи охири айнишиносӣ, ки пас аз Истиқлолияти давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон шуруъ мегардад, таҳаввулоти комилан наву тозае дар ин самт сурат гирифта, таҳқиқоту пажуҳишҳои муҳаққиқон бо диду дидгоҳи нав ва назари тоза ва аз ҳама муҳим бо ба даст омадани тағйироти сиёсӣ, ба даст омадани фазои бози баёни андеша, ибрози афкору ақида ва оро ба манфиати миллӣ, ки фурсати муносибро барои амиқу воқеӣ дар шинохти чеҳраи адабӣ ва ҳунарии устод Айнӣ фароҳам омад, ки талошу кӯшиш, саъю эҳтимоми муҳаққиқон дар амри исботи заҳматҳои ӯ барои барқарор кардани ҳуқуқҳои фарҳангӣ,таърихӣ ва адабии тоҷикон ба мероси маънавии худ ва соҳиби давлату тамаддун будани ин миллат аз вижагиҳои ин насли муҳаққиқон ва пажуҳишгарони осору афкори устод мебошад, ки бо навназарӣ ва биниши тозаи интиқодии моҳиятҷӯи онон тавъам будааст.

Дар рисола масъалаҳои мундариҷаи ғоявии осори устод дар таҳқиқоти муҳаққиқон, фаъолияти адабиётшиносию забоншиносӣ низ ҷузъи муҳими ҷустуҷӯҳои айнишиносӣ шинохта шуда, ҳамчунин таҳқиқот дар заминаи осори таърихии устод анҷомдодаи адабиётшиносон ва таърихшиносон мавриди таҳлилу баррасии вижа қарор дода шудааст, ки аз доираи густарда ва васеи мутолиоти муаллиф гувоҳӣ медиҳанд.

Рисола дар сатҳи баланди услуби илмӣ таълиф ёфтааст ва таҳқиқоти илмии анҷомёфта ба ҳисоб меравад.

Фишурдаи рисола, мақолаҳои ба чоп расонидаи муаллиф ва гузоришҳои илмии ӯ муҳтавои рисоларо ифода мекунанд ва аз лаёқати илмии соҳиби он гувоҳӣ медиҳанд. Рисолаи Сироҷзода Ҷамолиддин Қиём дар мавзуи «Ташаккул ва таҳаввули айнишиносӣ дар Тоҷикистон» таҳқиқоти илмии анҷомёфта буда, пурра ба талаботи КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷавобгӯ аст ва муаллифи он сазовори дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои филологӣ аз рӯи ихтисоси 10.01.01- Адабиёти тоҷик мебошад.

**Роҳбари илмӣ:**
номзади илмҳои филологӣ, муовини
илмии директори Институти
забон ва адабиёти ба номи
А. Рӯдакии АМИТ Муҳаммадиев Ш.

**Имзои Муҳаммадиев Ш.-ро**
**тасдиқ менамоям:**
Нозири кадрҳои
Институти забон ва адабиёти
ба номи А. Рӯдакии АМИТ Нарзиқулова Ҳ.

Суроға: 734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон,
ш. Душанбе, х. Рӯдакӣ 21. Тел.: +992 (37) 227-29-07, 221- 70-30,
E-mail: iza rudaki17@mail.ru, http://www. iza.tarena.tj

23.08.2024